# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ризобоева Наргис Мамадкаримовна дар мавзӯи «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик» ( давраи истиқлолият) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.08.- Назарияи адабиёт. Матншиносӣ**

Диссертатсияи унвонҷӯи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Ризобоева Наргис Мамадкаримовна дар мавзӯи «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик» ( давраи истиқлолият) унвон дошта, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.08.- Назарияи адабиёт. Матншиносӣ таълиф гардидааст. Он ба яке аз мубрамтарин мавзӯъҳои адабшиносии тоҷик ихтисос ёфта, аз муқаддима, 3 бобу 7 фасл, 3 зерфасл, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 160 саҳифаи чопи компютериро ташкил додааст.

Дар муқаддима мубрамият ва муҳимияти мавзӯъ асоснок карда шуда, таҳлили дараҷаи омӯзиши он, навовариҳои илмӣ, асоси методо логӣ ва ҳадафу вазифаҳои тадқиқот муайян гардида, усулҳои пажӯҳиш, пойгоҳ, эътимоднокиву натиҷа, ҳамчунин арзишҳои назариву амалии он мушаххас шудаанд.

Боби аввали диссертатсия “**Вижагӣ ва равандҳои асосии шеъри муосири тоҷик дар даврони истиқлол”** унвон дошта, муҳимтарин меҳварҳои пажӯҳишии он дар ду фасл баррасӣ шудаанд. Унвонҷӯ фазои адабии 30 соли охири шеъри даврони истиқлолро таҳлилу баррасӣ намуда, дар ин замина хулосаҳои дурусту ҷолиб баровардааст.

Боби дувуми рисола **“Сарчашмашиносӣ ва заминаи ташаккули тасвири парадоксӣ дар адабиёти тоҷик”** унвон гирифта, баррасиҳои илмии диссертант дар се фасл сурат гирифтаанд.

Фасли аввал **“Тасвири парадоксӣ: моҳият, марҳила ва асосҳои зуҳури он”** ном дорад ва дар он мафҳуми парадокс ва заминаҳои пайдоишии он шарҳу тафсир шудааст.

**“Ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар шеъри тоҷикии садаи XX”** унвони фасли дуюми ин бобро ташкил медиҳад, ки дар он ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар сурудаҳои намояндагони ҷудогонаи адабиёти тоҷикии садаи бист, ба монанди Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифта, намунаҳои шеъри онҳо муносиб таҳлил шудаанд.

Нақши воситаҳои тасвир, аз ҷумла ташбеҳу ташхис дар эҷоди парадокс дар фасли сеюми боби мазкур мавсум ба**“Аркон ва шеваҳои эҷоди тасвирҳои парадоксӣ”** баррасӣ гардида, дар канори ин рукнҳои аслии эҷоди тасвири парадоксӣ ва шеваҳои зуҳури он муайян шудааст.

Дар ду фаслу 3 зерфасли боби III нақши парадокс дар таҳаввули маъно ва сабки баён, ҷойгоҳ ва мақоми тасвири парадоксӣ дар шеъри бонувони суханвари имрӯзи тоҷик чун Гулрухсор, Фарзона ва Гулноз баррасӣ шуда, намунаҳои ашъори онҳо низ бамаврид шарҳу тавзеҳ гардидааст.

Дар маҷмӯъ, аз ин диссертатсия оид ба тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик дар замони истиқлолият, тасаввуроти комил ҳосил мешавад. Сабки баён ва ҷанбаи илмии кор низ пурқувват буда, нуктаву хулосаҳои муаллифи рисола ба далелу санадҳои илмӣ асоснок карда шудааст.

Дар 13 банди хулосаи диссертатсия дастовардҳои тадқиқашро натиҷагирӣ кардааст, ки ҳамагӣ аз лиҳози илмию назариявӣ пурмӯҳтавоянд.

Дар рисолаи илмии мазкур 168 адабиёти илмию назариявӣ ва методию таълимӣ истифода шудаанд.

Ризобоева Наргис оид ба мавзӯи тадқиқ 9 мақола чоп кардааст, ки 4 тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон мунташир шуда, мазмуну муҳтавои асосии рисоларо ифода мекунад.

Дастгоҳи илмию назариявӣ, ҷанбаи таҳқиқии диссертатсия мутобиқ ва ҷавобгӯи талаботи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Диссертатсияи тақризшаванда шаҳодат аз он медиҳад, ки унвонҷӯ соҳиби қобилияти хуби анҷом додани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ мебошад.

Бо дарназардошти нуктаҳои боло пешниҳод менамоям, ки диссертатсияи унвонҷӯи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Ризобоева Наргис Мамадкаримовна дар мавзӯи «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик» ( давраи истиқлолият) ба муҳокимаи шӯрои дифои назди донишгоҳи мазкур барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.08.- Назарияи адабиёт. Матншиносӣ манзур карда шавад.

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои
филологӣ, дотсент Мирзоев С. Х.
06.09. 2022

Имзои Мирзоев С. Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров” Наврӯзов Э. М.